**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13.11.с.2025, № 68*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ҶӮРАЕВА МУНЗИФАХОН УСМОНОВНА, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим", дар шакли дастнавис, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №58 аз 3-юми сентябри соли 2025 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна маълумоти умумӣ ва миёнаи пурраро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ба номи Камоли Хуҷандии ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро бо медали тилло хатм намуда, соли 1998 ба Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, соли 2000 аз рӯйи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ онро хатм намудааст ва ҳамчунин солҳои 2004-2007-ум донишҷӯйи факултети педагогии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳсилашро идома додааст.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2015 дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оғоз намуда, аз соли 2015 то 2016 ҳамчун муаллимаи кафедраи табиию риёзии факултети педагогӣ, аз соли 2016 то 2017 муаллимаи кафедраи навтаъсиси назария ва методикаи фанҳои тахассусӣ ва аз соли 2016 то ҳол ба ҳайси муаллими кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси ҳамин Донишгоҳ фаъолияти омӯзгориашро давом дода истодааст.

Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна соли 2018 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ, аз 02.07.2018, №13 дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, таълифи диссертатсияро дар онҷо ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ – Раҳмонов Зикриё Пулодович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик

Б.Ғафуров".

**Муқарризони расмӣ –** доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон **Лутфуллозода Маҳмадулло** ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Носиров Саъдулло Шукулоевич** мебошанд.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновнаро** шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донистаанд.

**Муассисаи пешбар – МДТ-и «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ»** таъйин шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 24-уми сентябри соли 2025, суратмаҷлиси №1/6, ки он аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Самиев Т.А. мураттаб шуда, бо имзои ректори МДТ-и "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ" Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновнаро масъалаи мубрами илми педагогикаи муосир баён дошта чунин баён доштааст, ки: "Муҳимият ва актуалии мавзуи диссертатсионии Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки мавзӯи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим яке аз масъалаҳои калидии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки бе истифодаи шароитҳои педагогӣ ва талабот ба салоҳиятнокии муаллим оид ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим қонеъ карда намешавад. Бинобар ин, мавзуъ дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии баланд мебошад".

Аз ин рӯ, тадқиқоти мазкур ҷиҳати баҳогузории таъсири мундариҷаю сохтори рушди фаъолияти маърифатӣ ва тафаккури интиқодии таълимгирандагон, инчунин салоҳияти педагогии омӯзгоронро дар ҷорисозии методҳои инноватсионии таълим бо мақсади рушди тафаккури инфтиқодӣ ва баландбардории сатҳи ҷалбкунии таълимгирандагон ба натиҷаҳои таълими онҳо дар раванди таълиму тарбия анҷом дода шуд. Мавзуъ на танҳо ба ҳалли мушкилоти ҷории педагогика мусоидат мекунад, балки барои рушди минбаъдаи илм ва амалиёти таълимӣ низ заминаи устувор фароҳам меорад.

Аз ҷониби дигар, тозагии илмию тадқиқотии мавзӯи интихобнамудаи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳоле ки таҳқиқот доир ба мавзӯи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ба назар мерасад аммо дар Тоҷикистон таҳқиқотҳо бештар ба самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, такмилдиҳии малакаҳои касбӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ равона гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти мукаммал оид ба шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ то ҳол ба таври комил анҷом наёфтааст.

Дар тадқиқоти мазкур навгонию арзиши илмӣ дар он аст, ки он бо такя ба озмоиш ва таҷрибаҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳлили амиқи

адабиёти илмӣ шаклҳо, методҳо ва шароитҳои педагогии муассирро муайян ва асоснок мекунад, ки рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим таъмин намуда, ба рушди шахсияти онҳо мусоидат менамояд.

Саҳми илмии Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна, аз як тараф дар асосноккунии назариявии масъала ва тадқиқи ҷанбаҳои амалии он бо истифодаи равишҳои таҷрибавӣ зоҳир мегардад. Аз ҷониби дигар дар тамоми марҳалаҳои тадқиқотӣ, аз ҷумла таҳияи методология, ҷамъоварии маълумот (анкетагирӣ, мусоҳиба, мушоҳида), таҳлили натиҷаҳо, пешниҳоди тавсияҳои методӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва таълифи мақолаҳо, шаҳодати равшани малакаи илмӣ-тадқиқотии ӯ мебошад.

Аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои илмӣ, диссертатсия ба талаботи муосири корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар он тавозуни байни назария ва амалия, таҳлил ва хулоса, метод ва тавсияҳо ба таври муназзам инъикос ёфтааст. Маълумоти оморӣ, расмҳо ва ҷадвалҳо, инчунин коркарди манбаъҳо дараҷаи баланди тадқиқотро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна саҳми назаррас дар илми педагогика мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълимро аз дидгоҳи муосир таҳқиқ намуда, модел ва тавсияҳои мушаххаси педагогӣ пешниҳод намудааст. Кор дорои арзиши назариявӣ, амалӣ ва методӣ буда, талаботи диссертатсияро ҳамчун тадқиқоти илмии мустақил ба таври кофӣ қонеъ мегардонад.

Ҳамчунин ташхисгар автореферати диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, онро ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро мувофиқи қоида ва талаботу меъёрҳои Низомнома медонад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй низ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд.

Эксперти диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот инчунин 4 камбудии ҷузъиро ҳамчун эрод баён дошта, дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Бо вуҷуди ин эксперт таъкид кардааст, ки “камбудӣ ва норасоиҳои мавҷудбуда арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд”.

Дар маҷмӯъ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 25 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, инчунин ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Мақолоти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

***а) Мақолаҳое, ки дар нашриҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1-М] **Джураева М.У.** Особенности организации коррекционной работы с отстающими учащимися начальных классов / М.У. Ҷӯраева, З. П. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон– Душанбе, 2018. -№ 7. -С. 249-252. (ISSN 2074- 1847) ***(в соавторстве).***

[2-М] **Джураева М.У.** / Роль мышления в развитии интеллектуальных способностей учащихся начальных классов // Ученые записки ХГУ им. акад. Б.Гафурова. (серия гуманитарно-общественных наук). –Худжанд, 2019. -№ 4(61). -С. 141-145. (ISSN 2077-4990) ***(в соавторстве).***

[3-М] **Ҷӯраева М.У.** Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ дар синфҳои ибтидоӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2022. -№ 2 (38). -С. 135-140. (ISSN 2617-5320)

[4-М] **Ҷӯраева М.У.** Тафаккури интиқодӣ ҳамчун мушкилоти муосири шахсият. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2022. -№ 4 (40). -С. 193-197. (ISSN 2617-5320)

[5-М] **Ҷӯраева М.У.** Развитие критического мышления в мыслительной деятельности учащихся начальных классов. // Маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2024.№ 1-3 (125) – С.333-336. (ISSN 2663-5534)

[6-М] **Ҷӯраева М.У.** Хусусиятҳои сатҳи ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди таълим // "Номаи Донишгоҳ"-и ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. –Хуҷанд, 2024. -№ 3(80). - С.83-87. (ISSN 2077- 4990) ***(дар ҳаммуаллифӣ).***

***Мақолаҳо ва маводҳое, ки дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ нашриҳо ба таъб расидаанд:***

[7-М] **Ҷӯраева М.У.** О некоторых проблемах взаимосвязи языка и мышления // Маводи конференсияи илмӣ-амалии “Масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти Шарк” шаҳри Душанбе: 2019 - С.366 - 368. ***(дар ҳаммуаллифӣ)***

[8-М] **Ҷӯраева М.У.** Мундариҷаи асосии маданияти зеҳнӣ ва қобилияти фикрии мактабиёни хурдсол. / /Маҷаллаи илмии “Паёми донишкада”. Нашри махсус. Панҷакент, 2019. - С.368-373. ***(дар ҳаммуаллифӣ)***

[9-М] **Ҷӯраева М.У.** Стуктура критического мышления младших школьников / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.12.05.2022. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. - С. 291- 296.

[10-М] **Ҷӯраева М.У.** Тарбияи маданияти фикрӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ “Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон” ба ифтихори 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори

адабиёти муосири тоҷик устод С.Айнӣ. 23.04.2023. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2023 - С. 589- 596.

[11-М] **Ҷӯраева М.У.** Роҳҳои баланд бардоштани сифати таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд бо истифода аз технологияи муосир. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо, стратегия ва рушди он” Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва методӣ. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. -С.288-296.

[12-М] **Ҷӯраева М.У.** Мавқеи истифодаи технологияҳои муосири таълим дар рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / М.У. Ҷӯраева / Маводи конференсияи илмӣ амалии байналмилалии “Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир” Душанбе. Матбаа.-2024.- С.192-198.

[13-М] **Ҷӯраева М.У.** Рушди тафаккури интиқодии хонандагони хурдсол.// Маҷмӯаи мақолаҳо «Дар пайроҳаи илм» (қисми 2) Хуҷанд: Нури маърифат, 2019, -С. 315-319.

[14-М] **Ҷӯраева М.У.** Истифодаи технологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии «Хусусиятҳои татбиқи имлои нави забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ» Хуҷанд: Меъроҷ, 2019. - С. 199 – 206.

[15-М] **Ҷӯраева М.У.** Нақши тафаккури мантиқӣ дар азхудкунии дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз назари равоншиносон. // Маҷмӯаи мақолаҳо «Муаммоҳои омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим» Хуҷанд:СИ Файзибоев М.М. “Меъроҷ”, 2020. -С.318-322.

[16-М] **Ҷӯраева М.У.** Асосҳои назариявии тафаккури интиқодӣ. / М.У. Ҷӯраева, // Маҷмӯаи мақолаҳо «Дар пайроҳаи илм» Қисми 1. Хуҷанд: Нури маърифат. 2021. - С. 57-61.

[17-М] **Ҷӯраева М.У., Раҳмонов З. П.** / Нақши технологияи педагогӣ дар инкишофи қобилияти зеҳнии хонандагони ақибмонда // Масъалаҳои педагогикаи муосир. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. -№ 1. -С. 5-11 *(дар ҳаммуаллифӣ).*

[18-М] **Ҷӯраева М.У.** Хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва сохти он. // Масъалаҳои педагогикаи муосир. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021.-№ 1.-С.25-31 *(дар ҳаммуаллифӣ).*

[19-М] **Ҷӯраева М.У.** Нишонаҳо ва механизмҳои вайроншавии қобилияти хониши хонандагон. // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва таълимию методии «Муаммо ва дурнамои таҳсилоти фарогир» (инклюзивӣ). –Хуҷанд: Меъроҷ, 2021. -С.152-156.

[20-М] **Ҷӯраева М.У.** Критическое мышление как целенаправленный процесс развития учащихся. // Маҷмӯаи мақолаҳои илми «Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон». –Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. -С.171-175.

[21-М] **Ҷӯраева М.У.** Особенности нарушения чтения и письма у младших школьников // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва таълимию методии «Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил». –Хуҷанд: Нашриёти “Ношир”, 2023. -С.138-143. ***(дар ҳаммуаллифӣ)***

[22-М] **Ҷӯраева М.У.** Хусусиятҳои инкишофи тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим // Маҷаллаи илмии «Педагогика ва психология: муаммоҳои муосири назария ва амалия». – Хуҷанд, Нури маърифат, 2023. -С.105-107 *(дар ҳаммуаллифӣ).*

[23-М] **Ҷӯраева М.У.** История возникновения и развития критического мышления. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муосири педагогӣ-психологии таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ». Хуҷанд, (11-феврали соли 2025). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – С.133-136 *(дар ҳаммуаллифӣ).*

[24-М] **Ҷӯраева М.У.** Технологии развития критического мышления – развитие интеллектуальных способностей ученика // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муосири педагогӣ-психологии таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ». -Хуҷанд,(11-феврали соли 2025). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. - С.39-42 *(дар ҳаммуаллифӣ.)*

[25-М] **Ҷӯраева М.У.** Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ тавассути хондан ва навиштан. // Ҳидоятгари роҳи илму маърифат ва ахлоқ. -Хуҷанд: Ношир, 2025. - С.201-206.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи 1. Азимова Назира Самадовна -** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 2. Матенов Рашид Бекимбетович -** доктор фалсафа оид ба илмҳои педагогӣ (PhD), и.в., дотсенти кафедраи забони ӯзбекии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканд. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 3. Носирзода Боймуҳаммад Носир –** номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсенти кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 4. Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо дар Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 5. Шомуродзода Ҳасанҷони Рузибобо** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат мебошад, муқарриз 2 эроди зеринро низ ҳамчун пешниҳод баён доштааст.

*1.Интишороти муаллиф ифодагари нуктаҳои муҳим ва илмӣ мебошад.*

*2.Ҳарчанд автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ мебошад, дар он хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.*

**Тақризи 6. Мақсудов Зафарҷон Очилдиевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия ва автореферат **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновнаро** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 3-юми сентябри соли

2025, №58, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,*** ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси нақшаҳои илман тарҳрезишуда корҳои зиёди таҳқиқӣ анҷом ёфтааст. *Аз ҷумла, м*уҳаққиқ дар таҳқиқоти мазкур муваффақ гардидааст, ки бо такя ба дастовардҳои муосири равоншиносию педагогӣ хусусиятҳои рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълимро аз дидгоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлил намояд. Арзишмандии назариявии ин таҳлил пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки тафаккури интиқодӣ ва ташаккули шахсият, фаъолият ва муносибати пайдарпайро таҳлил намуда, нишон дод, ки ин раванд ба рушди шахсият ва шавқи маърифатии хонандагон мусоидат мекунад. Аз нигоҳи амалӣ бошад, муҳаққиқ ки маводҳои дидактикӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд ҳамчун роҳнамо барои рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд. Ин ҷониб дар заминаи истифодаи технологияҳои мазкур дар раванди таълими фанни забони модарӣ система ва амсилаи ягонаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия гардида, мафҳуми «тафаккури интиқодӣ» ба таври дақиқ муайян шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба маҷмуи ақидаҳои фалсафӣ, педагогӣ ва назарияҳои пешқадами таълимию тарбиявии олимону мутахассисони муосири тоҷик ва хориҷӣ такя мекунад, ки ҳадафи онҳо муайян кардани роҳҳои самараноки истифодаи технологияҳои ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди таълим мебошад. Ин замина имкон додааст, ки ғояҳо, методология ва амалияи муносибати салоҳиятноки омӯзгорон дар ҷараёни таълим, инчунин шароити педагогӣ барои рушди тафаккури интиқодӣ таҳлил ва асоснок карда шаванд. Натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ далолат медиҳанд, ки ташкил ва татбиқи технологияи таълими ин навъи тафаккур ба инкишофи қобилиятҳои таҳлилӣ, маърифатӣ ва мустақилонаи хонандагон мусоидат менамояд.

**Навгониҳои илмӣ.** Дар доираи ин таҳқиқот асосҳои илмӣ ва назариявии технологияи рушди тафаккури интиқодӣ, ки ба ташаккули шахсият, фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ ва болоравии шавқи омӯзандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд, ошкор гардидаанд. Ҳамзамон, шароити аз лиҳози педагогӣ муҳим ва асоснок барои пешбурди тафаккури интиқодӣ бо дарназардошти талаботи технологияҳои муосири таълим муайян шуда, хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва ғайриинтиқодӣ ва фарқияти онҳо дақиқ баён гардидаанд. Дар заминаи татбиқи ин технологияҳо дар раванди таълими фанни забони модарӣ системаи ягонаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва мафҳуми «тафаккури интиқодӣ» бо назардошти нишонаҳои илмии он муайян карда шудааст.

Натҷаҳои таҳқиқот нишон додааст, ки ташаккули тафаккури интиқодӣ аз муаммогузории омӯзгор ва равшан намудани масъалаҳои ҳалталаб оғоз гардида, истифодаи далелҳои боэътимод ва баҳсбарангез қобилияти андешаи мустақил ва интихоби мавқеи дурусти донишомӯзонро инкишоф медиҳад. Методикаи рушди тафаккури интиқодӣ на танҳо сатҳи таҳлили иттилоотро боло мебарад, балки имкони дарки амиқи он ва муносибати интиқодӣ ба далелҳоро беҳтар месозад. Муқаррар шуд, ки маҷмӯи хусусиятҳои мундариҷавию методии пешниҳодшуда, ки ба баланд бардоштани сифати таълиму омӯзиш, такмили салоҳиятҳои омӯзгорон ва такмил додани воситаҳои

дидактикӣ равона шудаанд, зарфияти рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо такя ба заминаи методологӣ ва назариявии мукаммал, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, таълимӣ ва методии марбут ба масъала, ҳамчунин коркарди сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои таҷрибавию озмоишӣ таъмин мегардад. Хулосаҳо ва пешниҳоду тавсияҳо дар асоси талаботи муосири равандҳои таълимӣ тарҳрезӣ шуда, натиҷаҳои апробатсия, санҷишҳои амалӣ ва иштироки мустақими муаллиф дар марҳилаҳои гуногуни таҷриба исботи илмии онҳоро таъмин менамояд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дар иштироки ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2018–2024), аз ҷумла дар таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, тафсири маълумоти бадастомада, коркарди мушоҳидаҳо, ташкили равандҳои ташаккули тафаккури интиқодӣ дар хонандагон, муайянсозии шароити педагогии мусоид барои инкишофи эҷодии онҳо, санҷиши самаранокии ин шароитҳо, иҷрои корҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҳлилу баҳодиҳии натиҷаҳо ва таҳияи мақолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ, гузаронидани семинар-тренингҳо ва иштирок дар конференсияҳо таҷассум меёбад.

Диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, методологияи таҳқиқот пурра ҷавобгӯ буда, ба масъалаҳои методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, равандҳои инноватсионӣ дар таълим, коркарди назарияи омӯзиши фанҳои мушаххас ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ мувофиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар (2 нафар онлайн), аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар доктори илм, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ **9 "нафар"**,
муқобили додани дараҷаи илмӣ **"нест"**,
бюллетенҳои беэътибор **"нест"**,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 13-уми ноябри соли 2025 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** дар мавзуи **"Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим"** кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.п., профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**и.в. Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.п., профессор** **Азизов А.А.**

**13.11.2025с.**